ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои муборизa бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

1. Мутобиқати мавзӯъ ва мухтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Кашкулоев М.Ш. ба ҳалли яке аз масъалаҳои муҳимми эпизоотология ва микробиологияи ветеринарӣ – омӯзиши вазъи эпизоотологию эпидемиологии брутселлёзи қӯтосҳо дар шароити баландкӯҳи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) ва такмили усулҳои ташхису пешгирии он бахшида шудааст.

Дар рисола хусусиятҳои паҳншавии брутселлёз дар байни чорвои калони шохдор ва аҳолии ВМКБ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ, натиҷаҳои мониторинги зардобавию бактериологии брутселлёзи қӯтосҳо дар ноҳияи Мурғоб (солҳои 2013–2022) ва арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз аз хайлҳои 19 ва 82 ба тарзи муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ин мухтаво пурра ба бандҳои 3.7 ва 3.8-и ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мувофиқ мебошад.

2. Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.

Брутселлёз яке аз бемориҳои сироятии зоонозии музмин буда, дар байни ҳам ҳайвонот ва ҳам одамон паҳн мегардад ва барои соҳаи чорводорӣ хатари ҷиддии эпизоотикӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад. Мубрамияти мавзӯъ дар он аст, ки қӯтоспарварӣ дар минтақаҳои баландкӯҳи ВМКБ, бахусус дар ноҳияи Мурғоб, манбаи асосии истеҳсоли гӯшту шир (то 90%-и маҳсулоти чорводории хусусӣ) ба ҳисоб рафта, брутселлёз ба ин соҳаи стратегӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад ва ҳамзамон хавфи ҷиддии сирояти одамонро (аз ҷумла кӯдакон) ба вуҷуд меорад.

Муаллиф бо истифода аз маводи расмии оморӣ дар давраи солҳои 2010–2024 нишон додааст, ки дар ВМКБ нишондиҳандаи бемории брутселлёз дар байни ЧКШ (8,47–230,84 ба 100 ҳазор сар) назар ба сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ (5,94–37,21 ба 100 ҳазор сар) якчанд маротиба баландтар аст, дар ҳоле ки сатҳи фарогирии эмгузаронии пешгирикунанда хеле паст (0,16–1,49%) боқӣ мемонад. Ин далелҳо мубрамияти баланди таҳқиқот ва зарурати таҳкими назорати эпизоотиро дар минтақаи мазкур пурра тасдиқ мекунанд.

Аз соли 1968 то оғози таҳқиқоти мазкур омӯзиши мунтазами брутселлёзи қӯтосҳо дар ВМКБ гузаронида нашуда буд, ки ин худ мубрамии кори иҷрошударо боз ҳам афзун мегардонад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Диссертатсия аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ навгонии назаррас дорад. Бо мақсади ҳалли вазифаҳои пешбинишуда, муаллиф дар давраи солҳои 2013–2022 нахустин маротиб вазъи эпизоотии брутселлёзи қутосҳоро дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофию иқлимии Помир, аз ҷумла ноҳияи Мурғоби ВМКБ, ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст. Зимни тадқиқот истифодаи усулҳои муосири зардобавӣ ва бактериологӣ имкон додааст, ки барангезандаи беморӣ ва биоварҳои он дақиқ муайян шуда, роҳҳои гузариши он миёни ҳайвонот бо боварии комил ошкор гарданд ва натиҷаҳои бадастомада тавассути ташхиси АЗП дар гели агарозӣ тасдиқ карда шаванд. Ҳамзамон, омӯзиши муқоисавии самаранокии ваксинаҳои штаммҳои 19 ва 82 заминаи муҳими илмиро барои беҳтар кардани чораҳои пешгирикунанда ва муайян намудани тарзи беҳтарини эмкунӣ дар хоҷагиҳои қутоспарварӣ фароҳам овардааст.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя ҳимоя пешниҳод мешаванд аз он иборатанд, ки дар асоси таҳлили оморӣ вазъи эпизоотию эпидемиологӣ ва нақши омилҳои табиӣву хоҷагидорӣ дар паҳншавии брутселлёзи чорво ва аҳолии ВМКБ муайян гардидааст; бори аввал дар шароити Мурғоб бо истифода аз усулҳои серологӣ, бактериологӣ ва иммунологӣ (АРБ, АА, АПК, ТИФ, АҲ, АЗП) вазъи воқеии брутселлёзи қутосҳо ва аҳаммияти ташхиси комплексӣ асоснок шудааст; ҳамчунин, самаранокии ваксинаҳои штаммҳои 19 ва 82 омӯхта шуда, афзалияти истифодаи штамми 19 барои пешгирӣ ва солимгардонии хоҷагиҳои қутоспарварии минтақаҳои баландкӯҳ аз ҷиҳати илмӣ исбот карда шудааст.

4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда ба воситаи коркарди маҷмӯи васеи маводи назриявӣ, таҷрибавӣ бо истифода таъмин гардида, дурустии хулосаҳо бо ду дастурамали методие, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор тасдиқ шудаанд, тасдиқ карда шудааст.

5. **Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия дар ҳаҷми 173 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, чор боб (шарҳи адабиёт; мавод ва усули тадқиқот; натиҷаҳои тадқиқот; баррасии натиҷаҳо), хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Матн бо 12 ҷадвал, 14 диаграмма ва 14 расм тасвир ёфта, ба 163 манбаи илмӣ (34 – тоҷикӣ, 73 –

русӣ, 56 – англисӣ) такя намудааст, ки нишондиҳандаи огоҳии баланди муаллиф аз дастовардҳои муосири илми соҳавӣ мебошад.

Дар боби якум бо мақсади муайян кардани дараҷаи омӯзиши масъала таҳлили амиқи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ гузаронида шуда, масъалаҳои марбут ба таърихи пайдоиш ва паҳншавии брутселлёз, хусусиятҳои морфологӣ ва биологии барангезандаи он, инчунин механизмҳои гузариши сироят аз ҳайвон ба инсон бо дарназардошти хусусиятҳои хоҷагидории минтақаҳои баландкӯҳ ҳамаҷониба баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюм ба тавсифи муфассали мавод ва усулҳои тадқиқот бахшида шуда, заминаи методологии корро бо дарназардошти стандартҳои муосири Ташкилоти ҷаҳонии ҳифзи саломатии ҳайвонот (WOAH) ва талаботи методии илми ветеринарӣ ба таври возеҳ баён мекунад; дар ин бахш намуд ва ҳаҷми маводи таҷрибавӣ, усулҳои ташхиси серологӣ, бактериологӣ, иммунологӣ ва молекулавӣ, инчунин тарзи коркарди омории маълумот бо истифода аз барномаҳои муосир ба таври муфассал оварда шудаанд, ки эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомадаи илмиро кафолат медиҳанд.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаҳои тадқиқоти шахсии муаллиф ба таври муфассал пешниҳод гардида, дар он таъсири омилҳои табиию иқлимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба тарзи паҳншавии беморӣ, таҳлили муқоисавии вазъи эпизоотию эпидемиологӣ, инчунин натиҷаҳои мониторинги ҳамаҷонибаи зардобавӣ ва бактериологии брутселлёзи қӯтосҳо дар шароити мушаххаси ноҳияи Мурғоб мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд; дар ин бахш ҳамчунин арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёз бо дарназардошти хусусиятҳои хоҷагидории баландкӯҳ ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Дар боби «Баррасии натиҷаҳои тадқиқот»-и рисолаи диссертатсионӣ муаллиф хулосаҳои назариявӣ ва амалиро, ки аз вазифаҳои гузошташуда бармеоянд ва навгонии илмии корро тасдиқ мекунанд, системабандӣ кардааст. Хеле арзишманд аст, ки муаллиф бо баёни оддии далелҳо маҳдуд нашуда, таҳқиқи муқоисавии коркардҳои худро бо аналогҳои мавҷуда анҷом додааст ва эътимоднокии онҳоро бо санадҳои татбиқ ва ҳаҷми зарурии санҷиш тасдиқ намудааст.

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳамияти илмӣ: Тадқиқот заминаи назариявии эпизоотология ва иммунологияи брутселлёзи қӯтосро дар минтақаҳои баландкӯҳ бой

гардонида, бори аввал маълумоти мукаммалро оид ба биотипҳои барангезандаи ин беморӣ дар шароити Тоҷикистон муайян кардааст.

Аҳамияти амалӣ: Дастурамалҳои таҳиягардида ба хадамоти байторӣ имкон медиҳанд, ки ташхиси саҳроии бемориро ба таври мунтазам ба роҳ монанд, дар ҳоле ки тавсияҳои илман асоснок оид ба истифодаи бартариятноки ваксинаи штамми 19 ва 82 раванди эмгузаронии кӯтосҳоро такмил медиҳанд.

Аҳамияти иқтисодӣ: Истифодаи усулҳои нави ташхис ва эмкунӣ харочоти нолозимро коҳиш дода, талафоти чорво аз сабаби исқоти ҳамлро пешгирӣ мекунад ва дар маҷмӯъ маҳсулнокии соҳаи қутоспарвариро дар ВМКБ боло мебардорад.

Аҳамити иҷтимоӣ: Натиҷаҳои кор хавфи сирояти брутселлёзро дар байни чорводорон, коргарони хоҷагиҳо ва аҳолии деҳот (аз ҷумла кӯдакон, ки қисми назарраси гирифторонро ташкил медиҳанд) ба таври қобили мулоҳиза коҳиш медиҳанд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.

Дар асоси маводи илмии диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Илова бар ин, 2 дастурамали методӣ таҳия ва аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шуда, арзиши назариявию амалии онҳо тасдиқ мегардад.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ.

Самти тадқиқоти илмӣ пурра ба талаботи бандҳои 3.7 ва 3.8-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад ва ба ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Рисолаи диссертатсия ҳамчун кори илмии дар сатҳи зарурӣ анҷомёфта арзёбӣ мегардад, ки дар он натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ инъикос ёфтаанд. Тадқиқот фаслҳои зарурӣ, бахшҳои илмӣ ва қисматҳои методологиро дар бар гирифта, бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия шудааст ва ҳадафҳои муайяни илмиро ба таври мушаххас пайгирӣ менамояд.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз баҳои умумии мусбати кор, зарур аст, ки як қатор эродҳо ва мулоҳизаҳои баҳснок баён карда шаванд. Аз ҷумла:

1. **Дар боби "Шарҳи адабиёт":**

- гарчанде ки диссертатсия омӯзиши брутсулёзи қутосҳоро дар бар мегирад, дар ин боб маълумот оид ба ин ҳайвонот ниҳоят кам оварда шуда, маълумоти пешниҳодшуда хусусияти илмӣ надошта, бештар ба нишондиҳандаҳои оморӣ монанд аст,
- мутаассифона, дар бисёре аз ҳолатҳо талаботи иқтибосоварӣ аз манбаъҳои аслӣ риоя карда намешавад. Номи муаллифон (то панҷ нафар ва зиёда аз он) дар аввали ҷумла зикр гардида, баъдан дар охири он рақами истиноди мувофиқ дар қавс оварда шудааст. Масалан: "Мувофиқи маълумотҳои А.А. Новитский, Т.Г. Попов, П.А. Триленко ва С.А. Расулов, R.Mirnejad, ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон барои ташхиси брутселлёз .....[75, с. 72; 86, с. 275; 103, с. 59-61; 89, с. 83, 135, с 5 (1): 24-28]",
- ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ному насаби муаллифон то 30–40 фоизи як саҳифаро дар бар мегирад (масалан, саҳифаи 24-уми диссертатсия),
- мувофиқи талаботи байналмилалии номенклатураи биологӣ, номҳои лотинии намудҳо (*Brucella abortus, Brucella melitensis* ва ғайра) бояд дар тамоми матни рисола ва автореферат бо *ҳуруфи моил (курсив)* навишта мешуданд; дар матни рисола ин қоида на ҳамеша риоя гардидааст.

2. **Дар боби 3:**

- таҳлили муқоисавии чорвои калони шохдор дар миқёси тамоми ҷумҳурӣ оварда шудааст, ҳангоме, ки дар унвони диссертатсия таваҷҷуҳи асосӣ ба брутселлёзи қӯтосҳо равона гардидааст;
- дар қисми ороиши техникии матн дар баъзе саҳифаҳо фосилаи (интервали) байни сатрҳои матни асосӣ ва маводҳои аёнӣ (ҷадвалҳо, расмҳо) якхела риоя нагардидааст;
- дар тасвирҳо ва диаграммаҳо камбудиҳои техникӣ ҷой доранд: онҳо дар ҳаҷми ниҳоят калон оварда шудаанд, дар ҳоле ки андозаи онҳоро тақрибан 2 маротиба хурдтар кардан мумкин буд;
- дар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо фоизҳо ва нишондиҳандаҳо бидуни хатогии миёнаи оморӣ (± m) оварда шудаанд, ки ин имкон намедиҳад хулосаҳои оморӣ ба таври лозима баҳогузорӣ карда шаванд;

3. **Шумораи хулосаҳо** беасос зиёд буда (10 банд), аз доираи вазифаҳои тадқиқотӣ (4 банд) берун баромадаанд ва бо мақсади кор ҳамоҳанг нестанд.

4. **Ҳангоми тартиб додани хулосаҳо** муаллиф кӯшиш кардааст, ки талаботи академиро риоя кунад, лекин ин кор ба пуррагӣ муяссар нашудааст: баъзе аз бандҳои хулосаҳо хусусияти изҳороти умумӣ дошта, на

ҳамеша ба таври мантиқӣ ба вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда такя мекунанд.

Бояд таъкид кард, ки эродҳои зерин арзиши умумии кори анҷомёфтаро коҳиш надода, ба боэътимодии натиҷаҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии тадқиқот таъсири манфӣ намерасонанд:

ХУЛОСА

Диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзӯъи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст, корномаи пурмазмун, боэътимод, навоварона ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
профессори кафедраи микробиология,
вирусология ва иммунологияи МТҒ
«Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»,
доктори илмҳои тибб, профессор Саторов С.
08 сентябри соли 2026

Суроға: 734019, ҶТ ш. Душанбе,
кучаи Б. Ҳамдам 2, М1, 5/18
Телефон: +992987842424
E-mail: satorov1955@gmail.com

Имзои Саторов С. –ро
“Тасдиқ мекунам”
Сардори шуъбаи кадрҳо Икромова С.Ш.

Суроғаи муассиса: 734042, ҶТ, ш. Душанбе,
Телефон: (+992) 918 67 74 48
E-mail: dtit082020@gmail.com
08 сентябри соли 2026